# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТӢ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав вобаста ба қабули диссертатсияи Ғафоров Зафар Бобобекович дар мавзуи “Таҳқиқи самаранокии усулҳои таълими мушкилгарои фанни информатика дар мактаби олӣ: арзёбии таъсири он ба ҳавасмандӣ ва пешрафти академии донишҷӯён” ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101- Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ)**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” оид ба диссертатсияи Ғафоров Зафар Бобобекович дар мавзуи “Таҳқиқи самаранокии усулҳои таълими мушкилгарои фанни информатика дар мактаби олӣ: арзёбии таъсири он ба ҳавасмандӣ ва пешрафти академии донишҷӯён” ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101- Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) тибқи қарори шурои диссертатсонӣ аз 4- уми октябри соли 2025 суратмаҷлиси №1 дар ҳайати зерин интихоб карда шуданд:

1. **Файзализода Б.Ф. -** узви шуро, доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 6D011101.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ - раиси комиссия;
2. **Мавлоназаров С.С.** – номзади илмҳои педогогӣ аз рӯи ихтисоси 6D011101.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ - аъзои комиссия.
3. **Гулова М.Т. -** узви шуро, номзади илмҳои физика-математика аз рӯи ихтисоси 6D011101.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ - аъзои комиссия;

Комиссияи экспертӣ таҳқиқоти диссертсионии Ғафоров Зафар Бобобековичро пас аз омӯзиши амиқ онро мавриди баррасӣ қарор дода, ба хулосае омад, ки таҳқиқоти мазкур ҳамчун кори пурра ва мустақили илмӣ-тахассусӣ ба анҷом расида, аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланд ва ҷавобгӯ ба талаботи илмии муосир иҷро гардидааст. Мавзӯи диссертсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илму техникаи кишвар мувофиқ буда, натиҷаҳои бадастомада дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи ихтисоси 6D011101- Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02 -

Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои диссертсионӣ низ мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати муҳтаво ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 6D011101. – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳо, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Комиссия қайд менамояд, ки рисолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими замони муосир баланд бардоштани самаранокии усулҳои таълим дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст. Таҳқиқи усулҳои мушкилгаро ҳамчун равиши инноватсионӣ дар таълими фанни информатика, ки ба афзоиши ҳавасмандии донишҷӯён ва рушди устувори қобилиятҳои зеҳнӣ, таҳлилӣ ва эҷодии онҳо мусоидат менамояд, аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Албатта, татбиқи чунин усулҳо дар таълими информатика ба таҳкими малакаи касбӣ, инкишофи тафаккури мустақил ва пешрафти академии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Масъалаи мавриди таҳқиқ дар доираи проблемаҳои актуалии методикаи таълим қарор дошта, ҷавобгӯ ба эҳтиёҷоти замони муосир ва талаботи бозори меҳнат мебошад. Ҳамзамон, ин таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегияи миллии рушди маориф ва «Барномаи давлатии рушди соҳаи технологияҳои рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» созгор буда, барои мутобиқгардонии натиҷаҳои илмию методӣ ба воқеияти таҳсилоти рақамӣ ва ниёзҳои муассисаҳои таълимии олӣ равона шудааст.

Таҳқиқот аз рӯи мазмуну мӯҳтаво, равиши илмӣ ва тарзи татбиқи натиҷаҳо ба талаботи муосири соҳаи таҳсилоти касбӣ мутобиқ буда, барои амалишавии мақсадҳои сиёсати илмӣ ва маорифӣ дар самти баланд бардоштани сифати таълим ва касбияти мутахассисони соҳаи технологияи иттилоотӣ мусоидат менамояд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба мавзуи рисола 5 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшаванда аз рӯйхати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 мақолаи дигар дар нашрияҳои мухталиф ва маводи конференсияҳои илмӣ ба табъ расонида шудааст.

Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур аз омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои ташкили усулҳои таълими мушкилгаро дар раванди таълимии фанни информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Таҳқиқот ба самти асосии баланд бардоштани ҳавасмандии донишҷӯён ва таҳкими донишҳои амалӣ нигаронида шудааст. Дар доираи

ҳалли ин масъала, дар таҳқиқот вазифаҳои зерин ба таври мушаххас матраҳ ва амалӣ гардидаанд:

1. Таҳлили муфассали адабиёти илмӣ, педагогӣ ва психологӣ ҷиҳати фаҳмиши равандҳои ташаккули ҳавасмандӣ ва омилҳои асосии таъсиргузор ба он дар муҳити таълимии донишгоҳӣ.
2. Баррасии мазмун ва ҷараёни таълими фанни информатика ва бахусус барномасозӣ дар мактабҳои олӣ, муайянсозии мушкилоти мавҷуда ва таҳлили имкониятҳои такмилдиҳии равандҳои таълим бо такя ба таҷрибаҳои муосир.
3. Омӯзиши самаранокии системаҳои таълими мушкилгаро-инкишофӣ ҳамчун заминаи методологӣ, бо диққат ба нақши онҳо дар эҷоди ҳавасмандии дохилӣ ва фаъолнокии зеҳнии донишҷӯён.
4. Таҳияи супоришҳои амалӣ ва бозиҳои интерактивии таълимӣ барои таълими барномасозӣ дар доираи усулҳои мушкилгаро, арзёбии имкониятҳо ва натиҷаҳои онҳо дар рушди фаъолсозии донишҷӯён.
5. Татбиқи таҷрибаҳои педагогии муқоисавӣ дар гурӯҳҳои гуногуни таълимӣ, ҷамъоварии маълумотҳои таҷрибавӣ, таҳлили оморӣ ва пешниҳоди хулосаҳои амалӣ доир ба таъсири усулҳои пешниҳодшуда ба ҳавасмандӣ ва пешрафти академии донишҷӯён.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқотро** асосноккунии имконияти системаи усулҳои омӯзиши мушкилгаро ҳамчун асоси методологии сохтани супоришҳои барномасозӣ, ки ба инкишофи ҳавасмандгардонии таълим нигаронида шудаанд, ташкил медиҳад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқотро** дар доираи системаи усулҳои таълими мушкилгаро-инкишофӣ супоришҳо оид ба барномасозӣ таҳия шудаанд, ки ба рушди ҳавасмандии таълим нигаронида шудаанд, ташкил медиҳад.

Сохтори муқаддима, мазмун ва пайдарҳамии бобҳои рисолаи диссертатсионӣ мутобиқ ба талаботи муқарраргардидаи стандартҳои таҳияи корҳои илмии дараҷаи PhD таҳия гардида, пайгирии мантиқӣ ва таносуби методологӣ байни қисматҳои он пурра риоя шудааст.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ дар рисолаи диссертатсионӣ бо таҳлили амиқи назариявӣ ва таҷрибаи амалии татбиқи усулҳои таълими мушкилгароӣ асоснок гардида, бо далелҳои мӯътамад ва таҳқиқоти эмпирикӣ тақвият дода шудаанд. Маводи пешниҳодгардида пурра ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати он, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, мувофиқ мебошад.

## Хулоса

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ғафоров Зафар Бобобекович дар мавзуи "Таҳқиқи самаранокии усулҳои таълими мушкилгарои фанни информатика дар мактаби олӣ: арзёбии таъсири он ба ҳавасмандӣ ва пешрафти академии донишҷӯён" ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101- Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ), кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро ба ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ғафоров Зафар Бобобекович дар мавзуи "Таҳқиқи самаранокии усулҳои таълими мушкилгарои фанни информатика дар мактаби олӣ: арзёбии таъсири он ба ҳавасмандӣ ва пешрафти академии донишҷӯён" ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101- Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) таҳлил ва муҳокима намуда, чунин қарор қабул кард.

**Қарори комиссияи экспертӣ:**

1. Диссертатсияи Ғафоров Зафар Бобобекович дар мавзуи "Таҳқиқи самаранокии усулҳои таълими мушкилгарои фанни информатика дар мактаби олӣ: арзёбии таъсири он ба ҳавасмандӣ ва пешрафти академии донишҷӯён" ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101- Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) мутобиқ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) омода гардида, дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA – 048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" ба ҳимоя тавсия дода шавад.
2. Муассисаи пешбари диссертатсия Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" таин карда шавад.
3. Пешниҳод мегардад, ки муқарризони расмии диссертатсияи мазкур **Назаров Аҳтам Пулотович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон ва **Назарзода Рустам Саидмурод** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи

барномасозӣ ва муҳандисии компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъин карда шаванд.

4. Ба нашру паҳнкунии автореферат ва диссертатсия, инчунин барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
дотсент — Файзализода Б.Ф.

Узви комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент — Мавлонназаров С.С.

Узви комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои физикаю
математика, дотсент — Гулова М.Т.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав — Исозода Т.И.